# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи **Абдуғафури Сафар** дар мавзуи **«Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод шудааст.

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионии Абдуғафури Сафар дар мавзуи Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба талаботи бандҳои шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумурии Тоҷикстон аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Аз он ҷумла: Банди 1. Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо; Банди 4. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда; Банди 6. Сохтор ва ҷараёни пӯшиши набототӣ ва қисмҳои таркибии он - фитосенозҳо, бо мақсади муносибсозӣ, идоракунии маҳсулнокии онҳо, ташкили оилаҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника); Банди 10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра).

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки таҳқиқоти ботаникӣ дар соҳаи флораи минтақа, омӯзиши муфассали гурӯҳҳои таксономиии хос ва фаровонбуда мебошад. Дар миёни чунин таксонҳо, оилаи лабагулҳо — Lamiaceae Lindl. (бар асоси манбаъҳои муосир, ҳамчунин бо номи Lamiaceae Mart. шинохта мешавад), сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад, зеро дар ташаккули гуногунии флористии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши назаррас дорад.

Оилаи Lamiaceae яке аз пешсафони флораи Тоҷикистон ба шумор меравад, ки ҳам аз ҷиҳати гуногунии намудӣ ва наслию ҳам бо назардошти аҳамияти экологӣ ва хоҷагидорӣ муҳим мебошад. Тибқи маълумоти "Флораи РСС Тоҷикистон" (1986, ҷилди 8), дар ҳудуди кишвар 198 намуди лабагулҳо, ки ба 39 авлод тааллуқ доранд, ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора, 38 авлод ва 118 намуд дар флораи минтақаи кӯҳии Ҳисору Дарвоз мавҷуданд. Дар ин масъала махсусан қисми ҷанубии

қаторкӯҳи Ҳисор махсусан ҷолиб мебошад, зеро дар он ҷо 73 намуд аз 32 авлод сабт шудааст. Ин нишон медиҳад, ки дар ин минтақа ҷамъшавии зиёдтари намояндагони оилаи Lamiaceae ба назар мерасад, ки метавонад натиҷаи омезиши омилҳои гуногун, аз қабили шароити мусоиди иқлим, гуногунрангии хок ва фарқияти баландии релеф бошад.

Намояндагони оилаи Lamiaceae дорои иқтидори бузурги биологӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Онҳо дар ташаккули пӯшиши наботот фаъолона иштирок менамоянд ва вазифаҳои муҳими экологиро дар экосистемаҳо иҷро мекунанд. Илова бар ин, ин растаниҳо бо хосиятҳои равғандорӣ, доругӣ, асалдеҳӣ, ороишӣ ва хӯрокӣ шинохта шудаанд, ки онҳоро ба як объекти муҳими истифодабарӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, фармакология, косметология ва тибби халқӣ табдил додааст.

Таваҷҷӯҳи махсусро намудҳое доранд, ки дар доманакуҳҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мерӯянд. Ин растаниҳо на танҳо дар нигоҳдории устуворӣ ва сохтори экосистема нақши муҳим мебозанд, балки дар тибби анъанавӣ барои муолиҷаи бемориҳои гуногун васеъ истифода мешаванд. Бо вуҷуди аҳамияти баланди эҳтимолии онҳо, то ба имрӯз таҳқиқоти мукаммали илмӣ доир ба гуногунии биологӣ ва захираҳои оилаи Lamiaceae дар ин минтақа гузаронида нашудаанд.

Дар марҳалаи ҳозира, тасаввуроти комил оид ба таркиби намудии лабагулҳо дар доманаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор вуҷуд надорад. Ареалҳо, хусусиятҳои экологӣ ва фитосенологӣ, биомасса ва имкониятҳои истифодаи оқилонаи онҳо ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Ҳамчунин, маълумот дар бораи фаъолиятҳои фармакологӣ ва хосиятҳои шифобахши баъзе намудҳо хеле маҳдуд аст, ки ин ба истифодаи васеъ ва илмии онҳо дар соҳаҳои гуногун монеъ мешавад.

Ҳамаи камбудиҳо ва масъалаҳои зикршуда зарурати гузаронидани як тадқиқоти илмии амиқро тақозо менамояд. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши фарогири гуногунии биологии оилаи Lamiaceae дар доманаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор буда, ба муайянсозии таркиби намудӣ, баҳогузории иқтидори захиравӣ, таҳлили нишонаҳои экологӣ ва таҳияи тавсияҳои илмии асоснок оид ба дурнамои истифодаи устувори ин растаниҳо дар соҳаҳои тиб, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ равона шудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки дар макродоманакӯҳҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор 73 намуди лабгулҳо аз 32 авлод мерӯянд. Аз

шумораи умумии сабтшуда 10 намуд эндемик мебошанд, ки ин ба вижагии флораи маҳаллӣ ишора мекунад. Илова бар ин, 2 намуд ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд, ки зарурати андешидани тадбирҳои муҳофизатӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо бо такя ба асосҳои илмиро таъкид мекунад.

Яке аз дастовардҳои муҳими кори диссертатсионӣ ин тартиб додани харитаҳои ареали паҳншавии намудҳои оилаи Lamiaceae Mart. дар минтақаи тадқиқшуда мебошад. Бори аввал ҷойҳои паҳншавии намудҳои алоҳида дар таркиби намудҳои гуногуни набототи доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шуданд. Ин маълумот имкон медиҳад, ки афзалиятҳои экологӣ ва сохтори фазоии паҳншавии ин намудҳо дар таркиби ҷомеаҳои табиии минтақа беҳтар дарк карда шаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқот ба фитосенология ва сохтори сено-популятсияҳои баъзе намояндагони оила таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст, аз ҷумла ба намудҳои *Ziziphora pamiroalaica L.*, *Origanum vulgare* subsp. *gracile* (K. Koch) Ietsw., *Nepeta cataria L.*, ва *Salvia sclarea L.*. Бори аввал таҳлили муфассали таркиб ва динамикаи популятсияҳои онҳо гузаронида шуда, параметрҳои асосии эколого-ценотикӣ муайян карда, навъҳои макони зист ва ҳолати умумии популятсияҳо ташреҳ ёфтаанд.

Илова бар ин, дар доираи таҳқиқот баҳогузории иқтидори захиравӣ ва ҳолати экологии як қатор намудҳои арзишманди хоҷагидории оилаи лабагулҳо анҷом дода шудааст, аз ҷумла *Ziziphora pamiroalaica*, *Origanum vulgare* subsp. *gracile*, *Nepeta cataria*, *Salvia sclarea*, ва ҳамчунин *Hyssopus seravschanicus Pazij*. Захираҳои ашёи хоми онҳо муайян шуда, сатҳи таъсири омилҳои антропогенӣ ба популятсияҳои табиӣ арзёбӣ гардида, тавсияҳо барои истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо пешниҳод шудаанд.

Нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, натиҷаҳои асосии илмии корҳои диссертатсионӣ буда, самтҳои зеринро фаро мегиранд:

1. Тавсифи ҳамаҷонибаи гуногунии биологии оилаи лабагуллҳо (Lamiaceae Mart.) дар доманаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, ки шумораи намудҳо ва авлодҳо, сохтори таксономӣ, сатҳи эндемизм ва мақоми муҳофизатии онҳоро дар бар мегирад.

2. Хусусиятҳои фитосенологии намудҳои алоҳидаи оила, ки таҳлили нақши эколого-сенотикӣ, шароити афзоиш, таркиби ҷомеаҳо ва хусусиятҳои муҳити зистро фаро мегиранд.

3. Баҳогузории захираҳо ва ҳолати экологии намудҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла *Ziziphora pamiroalaica*, *Origanum vulgare* subsp. *gracile*,

*Nepeta cataria*, *Salvia sclarea*, *Hyssopus seravschanicus* бо дарназардошти минтақаи паҳншавӣ, шумора, шароити зист ва иқтидори истифодаи устувор.

Ин мавод тамоми ҳаҷми илмӣ ва муҳтавои асосии корҳои диссертатсиониро дар бар гирифта, ҳамчун асос барои пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ оид ба ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои флористии доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор хизмат мекунад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Ҳамчун нуктаҳои асосии илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, зарур аст як қатор натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни иҷрои тадқиқоти диссертатсионӣ махсус таъкид карда шаванд. Ин натиҷаҳо мазмуни марказии кори илмиро инъикос намуда, далели возеҳи аҳамиятнокӣ, навгониҳо ва арзиши амалии он мебошанд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии илмии хулосаҳои бадастомада аз ҷониби Абдуғафур Сафар дар раванди таҳияи диссертатсия ба истифодаи маҷмӯи усулҳои муосир ва санҷидашудаи геоботаникӣ асос ёфтаанд, дар амалияи илмӣ васеъ пазируфта шудаанд. Ҳамчун асоси методологӣ, муаллиф аз принсипҳо ва равишҳое истифода бурдааст, ки дар мактабҳои пешқадами ботаникии Русия ва Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд. Ин равиш кафолати сатҳи баланди дақиқият ва беғаразии маълумоти бадастомадаро таъмин менамояд.

Ҷамъоварӣ, коркард ва шарҳу тавзеҳи маводи саҳроӣ ва таҳлилии тадқиқот бо истифода аз методикаҳои боэътимод, ки аз ҷониби як қатор олимони маъруф таҳия ва татбиқ шудаанд, анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, ҳангоми иҷрои тавсифи геоботаникӣ, таҳлили сохтори фитосенозҳо, ва арзёбии миқдорӣ ва сифатии популятсияҳои растанӣ равишҳои зерин истифода шудаанд:

- И.Г. Серебряков (1952) — асосгузори равиши сохторӣ-динамикӣ дар омӯзиши наботот, ки дастурҳои методии ӯ оид ба тавсифи шаклҳои ҳаётии растаниҳо ва нақши онҳо дар ценозҳо то имрӯз аҳамияти илмии худро нигоҳ доштаанд;
- Б.А. Доспехов (1985) — мутахассиси соҳаи омори математикӣ ва банақшагирии таҷрибаҳои биологӣ, ки усулҳои таҳиянамудаи ӯ васеъ дар таҳлили маълумоти миқдорӣ истифода мешаванд;
- С. Раҳимов (2007) — муаллифи асарҳои боарзиш дар соҳаи биоморфология дар Осиёи Марказӣ, ки ба таҳияи усулҳои омӯзиши гуногунии биологӣ дар шароити экосистемаҳои кӯҳӣ саҳм гузоштааст;

- Н.М. Сафаров (2017) — коршиноси маъруф дар соҳаи систематика ва геоботаника дар Тоҷикистон, ки таҳқиқоти ӯ инчунин ба арзёбии гуногунии биологӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо бахшида шудааст;
- Д. Сатторов (2020) — муаллифи тадқиқоти муосир дар бахши экологияи популясионӣ ва мониторинги намудҳои нодир.

Ҳамин тариқ, асоси методологии тадқиқот якҷоясозии равишҳои классикӣ ва муосири илмӣ буда, ба муаллиф имкон додаанд, ки натиҷаҳои боэътимод ва такроршавандаро ба даст оварад, ки дорои аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошанд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертасия.**

Диссертатсия дорои сохтори анъанавӣ буда, аз муқаддима, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқот, натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф ва баррасии онҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифа-ро ташкил медиҳад. Рисолаи диссертатсионӣ дорои 7 ҷадвал, 47 расм, 2 диаграмма ва 4 харитаи замимавӣ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 146 номгӯй-ро дарбар мегирад, ки аз он 10 адад ба забонҳои хориҷӣ мебошанд. Сохтор ва муҳтавои кор ба талаботи тавсияшудаи тартиб ва таҳияи корҳои диссертатсионӣ мутобиқ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди он шарҳ дода шудааст. Инчунин мақсад, вазифа, объект, предмет, методология ва методҳои таҳқиқот баён гардида, навгонии илмӣ, натиҷаҳои ба даст омада ва арзиши назариявию амалии онҳо инъикос ёфта, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда тавзеҳ гардида, маълумот дар бораи амалисозӣ, санҷиш ва интишорот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** ба таҳлили ҳамаҷонибаи шароити табиӣ ва географии доманаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шудааст — минтақаи калидӣ, ки дар он таҳқиқоти ботаникӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф пайдарпай хусусиятҳои геологӣ, иқлимӣ, хокию набототӣ ва релефии ин мавзеъро шарҳ дода, заминаи муҳими илмиро барои тадқиқоти фитосенологӣ ва флористикӣ фароҳам месозад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими боб, тавсифи сохтори геологии минтақа мебошад, ки дар он намудҳои гуногуни қабатҳои кӯҳӣ — аз давраи палеозой то неоген — тавсиф шудаанд. Нишон дода шудааст, ки ташаккули системаи кӯҳии Ҳисору Олой дар якчанд марҳила сурат гирифтааст, ки он боиси гуногуншаклии релеф ва хок гардидааст. Ин

омилҳо шароити нодирро барои рушди гуногунии флора, аз ҷумла намояндагони оилаи Lamiaceae Mart., ки мавзӯи асосии тадқиқотро ташкил медиҳанд, фароҳам овардаанд.

Дар қисмати иқлимии боб зонаи иқлим асоснок карда шудааст: аз иқлими мӯътадили минтақавии миёнкӯҳӣ то иқлими шадидан континенталии баландикӯҳ ва биёбонӣ, иборат аст,ки бо тағйирёбии калони ҳарорат ва миқдори боришот хос аст. Тафовути иқлимӣ бевосита ба таркиб ва паҳншавии растаниҳо таъсир мерасонад.

Қисмати хокшиносии боб тақсимоти минтақавиро вобаста ба баландии мавзеъ инъикос мекунад: аз хокҳои торикранги доманакуҳ то хокҳои чарогоҳию дашти баландикуҳ, ки ин низ гуногуншаклии баланди флористикиро таъмин менамояд.

Ба усули корҳои саҳроӣ ва лабораторӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки дар он ба мактабҳои методологии маъруф (Работнов, Камелин, Сафаров ва дигарон), инчунин ба манбаъҳои систематикии муътамад, аз ҷумла «Флораи Тоҷикистон» (дар 10 ҷилд), истинод оварда шудааст. Гузашта аз ин, таъкид шудааст, ки маълумоти илмӣ дар солҳои 2017–2023 дар минтақаҳои Қаратоғ, Варзоб, Лучоб ва Ромит дар баландии аз 850 то 4200 метр аз сатҳи баҳр ҷамъоварӣ шудаанд, ки намудҳои гуногуни экосистемаҳоро дарбар мегиранд.

Ҳамин тавр, ин боб заминаи мустаҳками илмӣ барои баҳодиҳии гуногунии биологӣ ва хусусиятҳои экологии растаниҳои оилаи Lamiaceae дар минтақаи таҳқиқотӣ фароҳам оварда, интихоби объектҳо ва маҳалҳои мониторингро асоснок менамояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** ба гуногунии намудии оилаи лабгулҳо (Lamiaceae Mart.) ва таърихи омӯзиши онҳо бо таври муфассал баррасӣ шудааст, ки ин як марҳилаи муҳими фаҳмиши вазъи муосири флораи ин минтақа маҳсуб меёбад. Барои ин мақсад таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти васеи илмӣ анҷом дода шудааст, ки манбаъҳои фундаменталии ботаникӣ, мисли «Флораи Иттиҳоди Шӯравӣ», инчунин нашрияҳои минтақавии махсусгардонидашуда — «Флораи Ӯзбекистон», «Флораи Қирғизистон» ва «Флораи Тоҷикистон»-ро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, дар кор натиҷаҳои таҳлили рисолаҳои ҳимояшуда ва тадқиқотҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ ба назар гирифта шудаанд, ки ин имкон медиҳад таҳаввули донишҳо дар бораи оилаи лабгулҳоро бо объективона арзёбӣ намуда, камбудиҳои тадқиқоти муосирро ошкор созад.

Дар зербоби 2.1 маълумоти муфассал дар бораи таркиби намудии лабгулҳо, ки дар қиболи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҷамъоварӣ шудааст,

оварда шудааст. Ин минтақа як минтақаи биогеографӣ бо дараҷаи баланди эндемизм ва гуногунии биологӣ маҳсуб меёбад. Хусусан, 73 намуди лабгулҳо, ки ба 32 авлоди оилаи Lamiaceae Mart. мансубанд, муайян карда шудаанд, ки ин нишондиҳандаи гуногунии таксономикии муҳими ин минтақа мебошад. Ҳангоми тавсифи ҳар як намуди растанӣ номҳои илмии мувофиқи номенклатураи бинарӣ, ки ҳам лотинӣ ва ҳам тоҷикӣ мебошанд, пешниҳод гардидаанд, ки ин барои равшанӣ ва дақиқии шинохти намудҳо ва инчунин барои ягонагии маълумот дар ҷомеаи илмии байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, дар ин қисмати кор хусусиятҳои биологии намудҳо, аз ҷумла ареали паҳншавӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва мавқеи систематикии онҳо бо таври муфассал баррасӣ шудаанд. Муаллиф ба хусусиятҳои морфология, фенология ва экологияи намояндагони оилаи лабгулҳо диққати махсус додааст, ки ин имкон медиҳад механизмҳои адаптатсионӣ дар шароити иқлими кӯҳӣ ва ҷудошавии ҷуғрофиро амиқтар дарк намоем. Асоси систематика дар асоси маълумот ва усулҳои нави таксономикӣ таҳия шудааст, ки ин боварнокии баланди илмии тадқиқотро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, боби дуюм на танҳо донишҳои мавҷударо ҷамъбаст мекунад, балки онҳоро бо маводҳои нави бадастомада аз тадқиқоти саҳроӣ пурра мекунад, ки ин ҳама ба фаҳмиши амиқтари нақши лабгулҳо дар экосистемаҳои қиболи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва аҳамияти онҳо барои ҳифзи гуногунии биологии минтақа мусоидат менамояд.

**Дар боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ**, ки аз се зербоби ба таври муфассал коркардшуда иборат аст, муаллиф хусусиятҳои систематикӣ ва экологии намояндагони оилаи лабгулҳоро, ки дар ҳудуди минтақаи омӯзишӣ ошкор шудаанд, пурра таҳлил намудааст. Махсусан, дар ин боб таҳлили амиқи шаклҳои ҳаётии ҳар як намуди оила ва инчунин таъкиди аҳаммияти биологии онҳо дар контексти экосистемаҳои нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор оварда шудааст. Ин равиши мукаммал на танҳо имкон медиҳад намудҳоро аз нуқтаи назарии таксономӣ ҷудо намоем, балки нақши онҳоро дар ҷомеаҳои табиӣ аз назари экологӣ ва функсионалӣ дарк намоем.

Зербоби 3.2 ба таҳқиқоти фитосенологӣ бахшида шуда, ки дар доираи он намудҳои доминанти оилаи лабгулҳо, ки таркиб ва сохтори намудҳои асосии наботот дар минтақаи омӯзиширо муайян мекунанд, муфассал тавсиф шудаанд. Муаллиф маълумот дар бораи доминацияи намудӣ, паҳншавӣ ва ҳамкории ин растаниҳоро дар ҷомеаҳои гуногуни набототӣ пешниҳод мекунад, ки ин имкон медиҳад ба донистани

қонунмандии ташаккули маҷмӯъҳои набототӣ ва аҳамияти экологоценотикии онҳо ноил гардем.

Дар зербоби 3.3 диққати махсус ба намудҳое дода шудааст, ки ҳамчун элементҳои асосии ташаккули формацияҳои растанӣ фаъолият мекунанд — унсурҳои калидии манзара, ки ба сохтор ва динамикаи экосистема таъсир мерасонанд. Дар ин ҷо хусусиятҳои паҳншавӣ, морфологӣ ва экологӣ, ҳамчунин нақши онҳо дар нигоҳдории устувории ҷомеаҳои набототӣ шарҳ дода шудааст. Ин таҳлил имкон медиҳад равандҳои ташкили набототро амиқтар фаҳмем ва ба таҳияи тавсияҳо барои ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи гуногунии биологӣ дар минтақа мусоидат намояд.

Бо ин тартиб, боби сеюм на танҳо ҷанбаҳои систематики ва экологии гуногунрангии лабгулҳоро ошкор мекунад, балки заминаи илмиро барои тадқиқоти минбаъда ва тадбирҳои амалӣ дар ҳифзи мероси табиӣ фароҳам меорад.

**Дар боби чоруми диссертатсия** ҷанбаҳои илмии дурнамои истифодаи захираҳои табиии намояндагони оилаи лабгулҳоро ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор дода, инчунин тавсияҳо оид ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо пешниҳод намудааст. Хусусан, дар ин боб таҳлили равишҳои муосири истифодаи ин наботот дар соҳаҳои гуногун — аз боғпарварии ороишӣ то амалияи тиббӣ ва саноати ғизоии кишвар оварда шудааст.

Муаллиф аҳамияти нигоҳдории ин намудҳоро бо дарназардошти нақши экологии онҳо ва аҳамияти онҳо барои гуногуншаклии биологӣ дар минтақа, инчунин арзиши иқтисодии онҳо асоснок менамояд. Дар кор ба хусусиятҳои махсуси баъзе намояндагони оилаи лабгулҳо, ки онҳоро ҳамчун манбаи равғанҳои эфирӣ бо истифодаҳои васеъ дар парфюмерия ва фармасевтика арзишманд месозанд, таваҷҷуҳ дода шудааст. Ғайр аз ин, имкониятҳои истифодаи баъзе намудҳо ҳамчун растаниҳои ғизоӣ ва доруворӣ таҳқиқ гардида, ки ин мафҳумҳои бисёрҷанбаи онҳоро барои аҳолии маҳаллӣ ва таъсири потенсиалӣ ба рушди устувори минтақаҳои деҳот равшан мекунад.

Дар диссертатсия ҳамчунин методҳои муосири ҳифз ва истифодаи устувори лабгулҳоро бо назардошти омилҳои экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мекунанд. Муаллиф намунаҳои таҷрибаи муваффақро дар соҳаи ҳифзи захираҳои наботот оварда, пешниҳодҳои худро бо маълумоти таҳқиқоти муосир ва таҷрибаи мактабҳои илмии Россия ва Тоҷикистон қавӣ мегардонад. Дар маҷмӯъ, ин боб заминаи муҳими

таҳияи стратегияи комплексии идораи гуногуншаклии биологии оилаи лабгулҳоро фароҳам оварда, ки ба ҳамоҳангсозии истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ равона шудааст.

**Боби панҷумро** метавон ҳамчун қисми таҳлилӣ ва ҷамъбастӣ, ки натиҷаҳои мукаммали таҳқиқоти шароити табиӣ, гуногунии биологӣ ва вазъи популяцияҳои лабгулҳоро пешниҳод мекунад ва масъалаҳои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои ин оилаи муҳими табииро муайян месозад, ҳисоб кард. Дар он фишурдаи тамоми бобҳои пешниҳодшуда оварда таҳлил карда мешавад ва мазмуну мундариҷаи рисолаи иҷрошударо бараъло нишон медиҳад.

Хулоса аз 5 банд иборат буда, дар он вазифаҳое, ки муаллиф дар пеши худ гузошта шуда буд, оид бар ҳар кадоми он натиҷагирӣ намудааст.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсияи пешниҳодшуда дар он аст, ки натиҷаҳои назариявие, ки дар ҷараёни тадқиқот ба даст омадаанд, метавонанд ҳамчун пойгоҳи муҳими барои омӯзиши минбаъдаи оилаи лабгулҳо, ки қисми флораи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, хизмат намоянд. Муаллиф қайд мекунад, ки таҳлили муфассали фитосенологии намудҳои Ziziphora pamiroalaica Juz., Origanum vulgare subsp. gracile (K. Koch) Ietsw., Nepeta cataria L. ва Salvia sclarea L. дурнамои истифодаи мақсадноки онҳо дар амалияи тиббиро фароҳам меорад. Ин бо он алоқаманд аст, ки ин растаниҳо хусусиятҳои биологии арзишманд доранд, ки метавонанд дар фармакология бо самаранокӣ истифода шаванд.

Илова бар ин, бо асоси маълумоти ҷамъоваришуда оид ба ҳосилнокии сенопопулятсияҳои намудҳои номбурда дар минтақаҳои паҳншавии табиӣ муайян гардид, ки захираҳои табиии мавҷуда танҳо тақрибан 35%-и талаботи саноати фармакологии Тоҷикистонро қонеъ месозанд. Ин зарурати таҳияи тадбирҳо барои истифодаи оқилона ва ҳифзи ин захираҳоро нишон медиҳад, ҳамчунин аҳамияти таҳқиқоти минбаъда барои афзоиши захираҳо ва баланд бардоштани устувории онҳо равшан мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои кор аҳамияти калон барои равандҳои таълимӣ доранд. Тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи маълумоти бадастомада метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои омода намудани маводи таълимӣ, аз ҷумла курсҳои лексионӣ ва машқҳои амалӣ оид ба систематикаи растаниҳо ва захирашиносӣ истифода шаванд.

Илова бар ин, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд заминаи ташкил кардани семинарҳо ва курсҳои махсуси ботаника ва дендрология бошанд, ки ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи систематикаи растаниҳо ва ҳифзи захираҳои растанӣ мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи пешниҳодшуда на танҳо дониши илмиро дар бораи гуногуншаклии биологии лабгулҳо дар Тоҷикистон васеъ менамояд, балки саҳми назаррасро дар татбиқи амалӣ ва рушди устувори саноати фармакологӣ ва низоми таълимӣ мегузорад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Тартиби таҳрири кори диссертатсионӣ пурра бо меъёрҳо ва талаботи муқарраршуда, ки аз ҷониби Комиссия оид ба додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар шудааст, мувофиқ аст. Хусусан, автореферате, ки бар асоси диссертатсия омода гардидааст, бо дарназардошти ҳамаи қоидаҳо ва стандартҳои муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ таҳия шудааст. Ин тартиб бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ки равандҳои таҳрир, сохтор ва муҳтавои маводи диссертатсионӣ ро танзим менамояд. Риояи ин талабот кафолат медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба меъёрҳои сифат ва пуррагии ироаи илмӣ ҷавобгӯ буда, дурустии ҳуқуқӣ ва академии онҳоро тасдиқ мекунад. Аз ин рӯ, кори таҳриршуда на танҳо бо меъёрҳои расмӣ мувофиқ аст, балки шаффофият ва эътимоднокии раванди ҳимояи корҳои илмиро мувофиқи қонунгузории миллӣ ва таҷрибаҳои байналмилалии академӣ таъмин менамояд.

**Камудиҳо ва норасоиҳо.**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант муфид арзёбӣ мегарданд:

1. Бахшҳои алоҳидаи диссертатсия хеле васеъ арзёби гардиданд ва маълумоти зиёде дорад, ки баъзан ба мавзуи асосӣ дахл надоранд.

2.Беҳтар мешуд, агар дар охири бобҳои диссертатсия хулосаи мушаххаси муаллиф доир ба масъалаҳои дар боб матраҳ шуда баён меёфтанд, ки ин метавнист муҳтавои кори диссертатсионӣ ва арзиши илмии онро боз ҳам тақвият мебахшид ва хонанда мафҳуми асосиро зудтар дарк мекард.

3. Матни бахши истифода ва ҳифзи захираҳои лабгулҳо бе ҷудокунии мушахас пур аз фактҳо ва номгӯи намудҳо мебошад. Беҳтар мешуд, агар факту далелҳои овардашуда ба гурӯҳҳо ҷудо мешуданд, масалан: истифодабарӣ дар тиб, аҳамияти ғизоӣ ба сифати хуроки чорво, намудҳои асаловар ва ороишӣ, растаниҳои зараррасон ва заҳрдор, таркиб ва хосиятҳои равғанҳои эфирӣ, ҳифз ва чораҳои нигоҳдорӣ. Ин тарзи тасниф метавонист моҳҳияти масъаларо аз назари илмӣ возеҳтар кушояд.

4.Чораҳои ҳифз хеле умумӣ тавсиф шудаанд. Беҳтар мешуд, агар барномаҳои самарабахши ҳифз, амалҳои мушаххас барои мониторинг ва барқарорсозӣ, масъулони иҷрои барномаҳо (идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муассисаҳои илмӣ) бо мисолҳои боварибахш оварда мешуданд.

5. Забони диссертатсия равону илмӣ бошад ҳам, гоҳҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд. Инчунин дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд, ки ислоҳ намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Қобили кайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хусусияти ҷузъӣ дошта, мазмун ва арзиши илмии воқеии рисоларо паст намекунанд ва муаллифро водор месозанд, ки ҳангоми таҳқиқотҳои минбаъда диққатро ба чунин масъалаҳо равона кунад.

**Мутобикати диссертатсия ба талаботи КОА ва хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор будани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Дар маҷмӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (*Lamiaceae* Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор » кори илмии мустақилона ба анҷом расондаи муаллиф аст, ки дорои дастовардҳои баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Кори диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо, ки дар конфронсияҳои илмию амалӣ пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ нишон

медиҳанд. Инчунин тарзи баён, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Рисолаи илмии тақризшаванда аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ба талаботҳои муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзади илм аз рӯйи ихтисос ба пуррагӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи он - Абдуғафури Сафар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 -Ботаника мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
доктори илмҳои биология (аз рӯйи ихтисоси
03.02.01 -Ботаника), профессор, профессори
кафедраи географияи ва сайёҳии Донишгоҳи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев
**Мамадризохонов А.А.**

**Имзои Мамадризохонов А.А.-ро**
**Тасдиқ менамоям:** СРКК ва КМ ДДХ ба
номи М. Назаршоев **Саидраҳмонов Н.С.**

**Суроға:** 736000. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хорог, кӯчаи Шириншо Шотемура 109.
Тел +992 91 948 75-91.
**E-mail:** akbar63@mail.ru

«31» 07 соли 2025